# Семинари ҷумҳуриявӣ тахти унвони «Ҷанбаҳои забонӣ ва ҳуқуқиии Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ»

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 29 Май, 2023 - 18:24
[1]

Бо мақсади иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми апрели соли 2023, №30/10-65 ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани ҳуҷҷатнигорӣ дар риоя ба талаботи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» бо

ташаббуси Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкориву ҳамбастагии Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 19-уми майи соли равон дар маҷлисгоҳи калони Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон семинари ҷумҳуриявиро тахти унвони «Ҷанбаҳои забонӣ ва ҳуқуқиии Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» бо иштироки намояндагони мақомотҳои идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотҳои назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату кумитаҳои давлатӣ ва идораҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои давлатию ҷумҳуриявӣ (ҳамагӣ 250 нафар) баргузор гардид. Намояндагони вазорату идораҳо ва ташкилотҳо аз ҳайати роҳбари мақомот-сарапарасти соҳа ва дунафарӣ таҳиякунандагони асосии лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ташкил мекарданд.

Ҷараёни семинар бо сухани ифтитоҳии ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ғафурзода А.Д. оғоз ёфт.

Ҳадаф аз баргузории семинари мазкур аз он иборат буд, ки камбудиву мушкилоти имлоӣ дар ҳуҷҷатнигорӣ ислоҳ шуда, коргузорӣ ва таҳияи санадҳо бо риояи талаботи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» ба роҳ монда шаванд ва ҳар як маслиҳату машварати пешниҳодгардида, ки ба манфиати рушди забони давлатӣ мебошад, аз ҷониби иштирокдорон, ки масъули мақомоту вазорату идора ва ташкилотҳо ҳастанд, дар ҷойи фаъолияти худ семинарҳо баргузор намудаву дар машғулиятҳои идоравиашон ба кормандон фаҳмондаву омӯзиши онро ҷиддӣ ба роҳ монанд.

Ҳамзамон, дар семинар раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доктори илми филология, профессор О. Муҳаммадҷонзода бо мавзуи «Риояи қоидаҳои имло ва аломатҳои китобати забони тоҷикӣ дар коргузорӣ» баромад намуда, бисёр навгониҳои имлоиву ҳатмӣ будани риояи онҳоро дар ҳуҷҷатнигорӣ таъкид кард.

Сипас, муовини вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. Каримзода дар мавзуи «Мушкилоти амалишавии қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ дар санадҳоми меъёрии ҳуқуқӣ» баромад намуда, муҳим будани талаботи қоидаҳои имлоро дар ин раванд пешшниҳод намуд.

Дар рафти семинар муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доктори илми филология, профессор, узви вобастаи АМИТ С. Раҳматуллозода дар мавзуи «Мушкилоти иҷрои «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» дар коргузорӣ» бо рӯнамоии масоили асосӣ ва муҳимме, ки бояд дар коргузорӣ риоя шаванд, баромад намуд.

Дар анҷом, пас аз шунидани суханрониву маърузаҳои масъулони семинари ҷумҳуриявӣ, ки ба масъалаҳои мубрами сиёсати давлатӣ дар бораи забони давлатӣ ва риояи қатъии талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар бахшида шуда буданд, иштирокдорон ба саволҳои худ ҷавобҳои мушаххас гирифтанд.

Масъулон иштирокдорони семинари ҷумҳуриявиро барои арҷгузорӣ ба забон ва эҳтиром ба ин муқаддасоти олиамон даъват карда, саҳмгузорӣ ва ҳамкориҳои пайвастаро бо Кумита дар таҳкими пешбурди сиёсати давлатии забон дар кишварамон муҳим арзёбӣ намуданд.

**Масъули ВАО**
**Раҳим Зулфониён**

**Баҳодиҳии муҳтаво:** 5

Баҳои миёна: 4.7 (7 овоз)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]

- 

- 

**Манбаъ::**http://istilohot.tj/tg/content/seminari-chumkhuriyavi-takhti-unvoni-chanbakhoi-zaboni-va-khukukiii-koidakhoi-imloi-zaboni?mini=2025-04

**Пайвандҳо**
[1] http://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/IMG_1465.jpg [2] http://istilohot.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG_1390.jpg [4] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG_1458.jpg [5] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG_1465.jpg